## ҚАРОРИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 барои ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон амал мекунад, ба таҳқиқоти диссертатсионии Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи "Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) (протоколи № 32 аз 6 апрели соли 2023)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи **"Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) (роҳбари илмӣ – номзади илмҳои таърих, дотсент Сайнаков С.П.) муҳокима намуда, тақризи ташкилоти тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, тақриз ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои таърих, дотсент Алимов Давлаталӣ Халилович ва номзади илмҳои таърих, дотсент Саидасанов Юсуф Шанавалшоевич, муқарризони ғайрирасмӣ (Абулҳаев Р., Маликов М.Ҳ., Ҳотамов Н.Б., Абдурашитов Ф.М., Ғафуров А.М.) ва хулосае, ки Шӯрои диссертатсионӣ қабул кардааст, шунида, инчунин натиҷаи овоздиҳии пинҳониро ба инобат гирифта, Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035

### ҚАРОР МЕКУНАД:

1.Таҳқиқоти диссертатсионии Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи **"Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба талаботи пешниҳоднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос мувофиқи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ дониста шавад.

2. Интишороти диссертант мазмуни асосии диссертатсияро комилан инъикос мекунанд.

3. Ба Исуфов Шердил Ватанович дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба Исуфов Шердил Ватанович додани дипломи доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дархост карда шавад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ, д.и.т., профессор** **А. Саидов**

**Котиби Шӯрои диссертатсионӣ, д.и.т., профессор** **А. Раҷабов**

**06.04.2023**